Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ, ки имрӯз ба амнияти миллии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад, вазифаи ҳаётан муҳим арзёбӣ гардида, ҳалли он на танҳо ба фаъолияти

қонунгузор ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки ба натиҷаҳои илми ҳуқуқ низ вобаста мебошад. Давраи гузариш як қатор саволҳои нави назариявиро ба миён гузошта, моро водор мекунад, ки ба масъалаҳое, ки то андозае барои илми ҳуқуқшиносӣ анъана шудаанд, аз ҷумла ба проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волоияти қонун тақозо мекунад, ки мушкилоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нав дида баромада шавад. Таваҷҷуҳи афзояндаи илми ҳуқуқ ба проблемаи ҷавобгарӣ низ бо аҳаммияти бузурги он дар сохтори вазифаи ҳифзи ҳуқуқ шарҳ дода мешавад. Маврид ба зикр аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ институти муҳими ҳар як низоми ҳуқуқӣ буда, ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон хизмат намуда, яке аз хусусиятҳои муҳими ҳуқуқро ҳамчун танзимгари зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф мекунад.

Дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, нақши ҷавобгарии ҳуқуқиро дар механизми таъсири ҳуқуқӣ хеле меафзояд. Он яке аз шарту меъёрҳои самаранокии таъсири ҳуқуқӣ мегардад, ки проблемаҳои он дар маркази таваҷҷӯҳи бисёре аз намояндагони илми ҳуқуқ қарор доранд. Аммо доираи масъалаҳое, ки ба назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба хусус функсияҳо ва шаклҳои амалисозии он алоқаманданд, ба назари мо, ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки натиҷаи таъсири меъёрҳои қонунгузории кишвар дар мубориза бо ҷинояткорӣ танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки функсияҳои институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дуруст амалӣ карда шаванд. Агар самаранокии пешгирии ҷинояткорӣ аз татбиқи ҷавобгарии мувофиқ вобаста бошад, пас самаранокии татбиқи ҷавобгарӣ маҳз аз дуруст амалӣ шудани функсияҳои оң вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он мутобиқи қонунгузории кишвар яке аз

масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд.

Имрӯзҳо чӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ва чӣ дар қонунгузории амалкунанда оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалигардонии онҳо камбудиҳои ҳалталаб ҷой дорад, ки маҳз дар натиҷаи таҳқиқоти мукаммали илмӣ метавон роҳи ҳалли онҳоро муайян карда, қонунгузории кишварро дар ин хусус мукаммал гардонид. Як қатор масъалаҳое ҳастанд, ки таҳқиқу омӯзиши онҳо ба такмили қонунгузории кишвар ва илми ҳуқуқшиносӣ дар самти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, муайян кардани мафҳум ва намудҳои умумиэътирофшудаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалигардонии онҳо, дар қонунгузории соҳавӣ мавҷуд набудани меъёри мушаххас оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории категорияи алоҳидаи шахсон, аз ҷумла ноболиғону ҷавонон ва занон, мушкилоти ҷудогона оид ба намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарӣ ва монанди инҳо.

Таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои мазкур, муайян кардани роҳҳои ҳал ва тавсияҳои назаррас ба қонунгузории кишвар дар ин самт аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқот дарак медиҳад. Маҳз ин мушкилотҳоро ба инобат гирифта, муҳаққиқи ҷавон Ализода И.И. таҳқиқоти илмии худро дар масъалаи зикршуда ба анҷом расонидааст, ки барои назария ва амалияи ҳуқуқшносӣ аҳаммияти калонро доро мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст.

Навгонии илмӣ, саҳеҳнокӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳои назариявӣ ва амалии дар рисола пешниҳодгардида дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад, чунки муаллиф на танҳо ба таълимот, балки ба амалия ва факту далелҳои воқеӣ такя кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Исмоил Исмон бебаҳс буда, дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои меъёриву ҳуқуқии истифодашуда исбот мегардад. Равиши муҳақиқ низ ба масъалаи гузошташуда нав буда, кушиш намудааст, ки холигиҳои дар илм ва қонунгузорӣ мавҷудбударо пурра намояд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳум, таснифбандӣ ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, ки дараҷаи навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Мушаххасан оид ба нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки аксаран навгонии имлӣ маҳсуб мешавад, қайд намудан лозим аст, ки андешаҳои нав дар илм буда, ҷанбаҳои гуногуни масоили таҳқиқшавандаро ошкор месозад. Бештари навгониҳои пешниҳодгардида, андешаҳои илмӣ ва ҷолиби диққат буда, аввалин маротиба дар илми тоҷик пешниҳод карда шудаанд. Аз ҷумла, тавсияи амалии шашум ягонакунии мафҳумҳоро дар қонунгузорӣ ифода мекунад, ки қобили дастгирӣ мебошад. Зеро дар қонунгузории амалкунанда воқеан ҳам баъзе мафҳумҳо, аз ҷумла, товон, ҷуброн, талофӣ, зарар, зиён, хисорот ва монанди инҳо ба таври омехта истифода гардидаанд.

Муаллиф дар маҷмуъ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра ҷамъбаст намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз қонунгузории миллӣ, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ ба мавриди истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии усулӣ ва бунёдии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Муаллиф андешаи худро оид ба ҳар як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар пешниҳодҳои назариявӣ манзур намуда, барои такмили қонунгузорӣ дар ин самт як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст, ки навгонии илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаи Ализода Исмоил Исмон дар он ифода мегардад, ки тамоми хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия дар бобҳо ва зербобҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баъдан хулосабарорӣ шудаанд. Муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ манзур ва асоснок намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талабот нисбат ба таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, дар он мавзуи илмӣ аз назари илми назария ва қонунгузории муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, асоснокунии муқаррароти илмӣ бо далелҳо, усулу равишҳои илмӣ таълиф гардида, хулосаю пешниҳодҳо ва доираи талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқ ба Конститутсия, рушди қонунгузорӣ, манфиати миллӣ ва давлати миллии тоҷикон таҳия шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти муаллиф тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, таҳлили қонунгузорӣ ва омӯзиши адабиёти илмӣ асоснок гардидааст. Навгонии таҳқиқот бо чунин асосҳо собит мегардад: якум, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таври маҷмӯӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ

ба таҳқиқоти диссертатсионӣ фаро гирифта нашудааст; дуюм, мубраммияти масъалаи мазкур тақозои амалияи ҳуқуқӣ буда, то имрӯз масъалаи мубрам боқӣ мондааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи таҳқиқот базаи маълумотҳои илмӣ дар хусуси функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо васеъ гардида, натиҷаҳои таҳқикот аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи ватанӣ, комил намудани холигӣ дар самти танзими функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дарку фаҳмиши дурусти он мусоидат карда, омили такмил ва рушди таълимот, илм ва қонунгузорӣ хоҳад шуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти муаллиф назаррас буда, на танҳо такмили қонунгузории кишвар, балки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мазмуну таркиби консепсия ва барномаю стратегияҳои давлатиро низ метавонад фаро гирад. Яке аз махсусиятҳои таҳқиқоти муаллиф дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои манзургардида танҳо ба қонунгузории як соҳаи илм алоқаманд набуда, дар мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва меҳнатӣ саҳмгузор мебошанд.

Таҳқиқоти муаллиф аз аҳаммияти иқтисодӣ низ бархурдор мебошад. Аз ҷумла, дар тавсияи ҳаштуми диссертатсия иброз гардидааст, ки “Дар ин асос пешниҳод мегардад, ки дар санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар шакли 70/30 (яъне, 70% ҷарима ба манфиати давлат ва 30% он ба манфиати ҷабрдида ситонида шавад) муқаррар шавад”. Тавсияи мазкур дорои аҳаммияти амалии иқтисодӣ буда, дар илми ҳуқуқи кишвар нав ба назар мерасад. Тадбиқи он дар амал метавонад, боиси амалисозии мақсади ҷазои ҷиноятӣ (таъмини адолати иҷтимоӣ) гардад. Бо ин назардошт,

таҳқиқоти муаллиф аз аҳаммияти баланди илмию амалӣ бархурдор мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводи интишоршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуи диссертатсия ва моҳияти он, мазмуни асосии унсурҳои объекти таҳқиқшаванда, хулоса тавсия ва пешниҳодҳои дар кори мазкур матраҳшавандаро пурра инъикос намуда, онҳо дар 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаи илмӣ, ки 9 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферат ва корҳое, ки аз ҷониби довталаб нашр гардидаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ ва пурра инъикос менамоянд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас таҳқиқоти илмӣ аз баъзе андешаҳои баҳсталаб, шарҳталаб ва норасоиҳо холӣ нест, ки онҳоро чунин баён менамоем:

1. Муаллиф зимни хулосабарорӣ (саҳ. 150) қайд намудааст, ки «зимни таъини ҷазои дахлдор бояд дараҷаи сазои тахминии он ба вазъи равонию зиндагии шахс бояд мувофиқа карда шавад». Ба андешаи мо, назари муаллиф норавшан мебошад. Зеро дар матни диссертатсия низ таҳлилу баррасии андешаи муаллиф мушоҳида нагардид. Мехостем фаҳмида бошем, ки зери ибораҳои «сазои тахминӣ», «вазъи равонию зиндагии шахс» муаллиф чиро дар назар дорад. Ҳамзамон, мувофиқати дараҷаи сазои тахминиро ба вазъи равонию зиндагии шахс чи гуна муайян кардан мумкин аст?

2. Таҳқиқбаранда зимни ба гурӯҳҳо ҷудо намудани хулоса ва нуктаҳои илмии таҳқиқот иброз доштааст, ки «зимни таҳқиқот асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд; мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омӯхта шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд» (саҳ. 12). Дар ин хусус саволҳо ба миён меоянд, ки магар то таҳқиқоти муаллиф асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян ва ё мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок набуданд? Яъне, муаллиф чунин андешаронӣ кардааст, ки гӯё масъалаҳои мазкур маҳз зимни таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ ҳалли худро ёфтаанд. Ҳол он ки ин масъалаҳо дар таҳқиқотҳои дигар олимони ватанию хориҷӣ борҳо матраҳ шудаанд. Аз ин рӯ, ба назари мо, андешаҳои мазкур баҳснок буда, шарҳу тавзеҳи иловагии муҳаққиқро тақозо менамояд.

3. Муаллиф изҳор доштааст, ки «Дар адабиёти ҳуқуқӣ дигар намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушоҳида мегарданд, вале дар миёни онҳо функсияҳои номбурда мавқеи хоссаро соҳиб буда, ҳамчун функсияҳои умумиэътирофшуда маҳсуб меёбанд» (саҳ. 149). Зимни баррасии параграфи дуюм атрофи доираи васеъи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҷавобгарӣ масъалагузорӣ шудааст. Аммо, муаллиф на дар матни параграфи мазкур ва на дар хулосаҳо равшан ифода накардааст, ки фарқияти 5 функсияи таҳлилнамуда, ки ҳамаи хулосаҳо ба онҳо марбут мебошанд аз дигар намуди функсияҳо дар чист? Ҳамзамон, маҳаки умумиэътирофшуда будани ин функсияҳоро дақиқ шарҳ надодааст, ки ба асоснокнамоӣ ниёз дорад. Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар ҳимояи ошкорои диссертатсия ба масъалаи мазкур равшанӣ андозад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле

муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Сохтори асар ба талабот мувофиқ буда, ҳамаи қисмҳои он бо ҳам мантиқӣ алоқамананданд ва умуман тадқиқоти мукаммалро ифода мекунанд. Рисола аз аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ягонагии дохилӣ дошта, сохтори он ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима масъалаҳои мубраммияти таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқу омӯзиш, мақсаду вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок ва баррасӣ карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаи **«Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** дошта, иборат аз ду зербоб мебошад. Дар ҷанбаҳои назариявии мафҳум ва хусусиятҳо ва ҳамзамон асосҳои таснифот ва намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд (саҳ. 21-49).

Боби дуюми диссертатсия – **«Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, ҳафт зербобро ташкил медиҳад. Дар боби мазкур масъалаҳои мафҳуми шаклҳои амалисозӣ, шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ,

шаклҳо ва махсусиятҳои амалисозии функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирисозӣ ва тарбиявӣ вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд (саҳ. 50-147).

Дар маҷмуъ тартиби дурусти ҷобаҷогузории бобҳо ва пайдарҳамии масъалаҳо дар зербобҳо риоя гардида, дар хулоса муаллиф тамоми масъалаи таҳқиқшавандаро натиҷагирӣ намуда, пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо аҳаммияти илмию назариявӣ доранд. Бо ин назардошт, диссертатсияи Ализода И.И. ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Тадқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муаллиф аз лиҳози мубрамӣ, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби хосси илмӣ омода гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ таҳлил шуда, хулоса ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудаанд.

Омӯзиши матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти довталаб пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ мебошад. Рисолаи илмӣ барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, қонунгузории соҳаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва меҳнатӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, таълимӣ ва илмӣ муҳиммияти назаррас дорад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267

тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази барномаҳои байналмилалӣ»
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Одиназода Р.С.

Имзои Одиназода Р.С.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши каргузорӣ, кадр ва ҳуқуқи
Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои
байналмилалӣ» Имомзода М.М.

«14» 01 2025 с.

**Суроға:** Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ», 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 47. Тел.: +992 (37) 221-11-75, E-mail: mbb-2008@mail.ru, Сомона: http://edu-cip.tj.